«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Мирализода А.М. ____________
«____» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
# АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Шамшоди Ҷамшед** соли 2015 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси «Муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм карда, дар шуъбаи магистратура таҳсил намудааст. Вай баъди хатми магистратура, соли 2017 таҳсилро дар зинаи докторантура (Ph.D) идома дода, соли 2020 онро хатм намудааст. Ӯ айни замон ба сифати муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ҳамин донишгоҳ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Шамшоди Ҷамшед доктори илмҳои фиология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи назарияи ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Кӯчарзода Аламхон** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ аз 27.02.2018, қарори №7 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Пажӯҳиши матншиносии осори бадеӣ аз муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносӣ ба шумор рафта, дар баробари таҳлилу таҳқиқи мутуни асарҳои бадеӣ дар таҳия ва нашри осори адибон саҳм мегирад. Вазифаи асосии матншиносӣ омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ ҳисоб меёбад. Таърихи матни асари бадеӣ дар алоқамандии мустаҳкам ба ҷаҳонбинӣ, ақидаи ғоявии нависанда, хусусиятҳои иҷтимоии давру замон омӯхта мешавад. Таҳлили матн бо пайдарҳамии марҳилаи рушди он ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки рушди эҷодиёт, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати нависандаро дуруст дарк намуда, барои ба вуҷуд овардани матни саҳеҳ ва илмии осори ӯ кумак расонад.

Таърихи матнҳои қаламӣ ва чопии як силсила осори устод Садриддин Айнӣ, чун «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибён», «Заруриёти динийя», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр» омӯхта шуда бошанд ҳам, ба таърихи эҷоди охирин ва барҷастатарин асари нависанда «Ёддоштҳо» то ҳол таваҷҷуҳ нашудааст. Бинобар ин, муаллиф таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-ро дар асоси матнҳои чопии он мавриди таҳлилу тадқиқ қарор додааст. Таҳқиқ ва баррасии «Ёддоштҳо» аз лиҳози матншиносӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни эҷод ва таърихи матни асар дар асоси матнҳои чопӣ муайян гардида, матни саҳеҳ ва илмии он фароҳам оварда шавад.

Аз диссертатсияи мазкур бармеояд, ки доир ба осори С. Айнӣ чанд таҳқиқоти матншиносӣ вуҷуд дорад. Раҳим Ҳошим, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Солеҳ Салоҳ, Камол Айнӣ, А. Ӯрунов, Аламхон Кӯчарзода, Абдулҳай Маҳмадаминов, Наврӯз Қаландаров дар асару мақолаҳои худашон оид ба таърихи эҷоди асарҳои алоҳидаи устод Айнӣ андешаҳои ҷолиб ва судманд изҳор кардаанд.

Омӯзиши «Ёддоштҳо» аз лиҳози матншиносӣ, бешубҳа, идомаи ҳадафмандонаи мактаби айнишиносӣ буда, муқоисаи матнҳои маҷаллавӣ ва китобии «Ёддоштҳо» бори дигар меҳнатдӯстӣ ва душворписандии устод Айниро дар кори эҷодӣ нишон медиҳад. Асаре, ки аз тарафи нависанда

борҳо таҳрир меёбад, аз лиҳози мазмуну мундарича чун «Ёддоштҳо» такмил меёбад, аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ ва эстетикӣ касб мекунад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Бидуни омӯзиши ҳамаҷонибаи мутуни асарҳои нависанда айнишиносон наметавонанд ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гарданд. Гузашта аз ин, омӯзиши ҷиддии таърихи матнҳои асарҳои С. Айнӣ ба доираи айнишиносӣ маҳдуд нашуда, аҳамияти васеътар касб мекунад: он ҳамчун заминаи назариявӣ ва мактаби амалии матншиносии ҳозираи тоҷик хизмат мекунад. Аз ин рӯ, дастовардҳои боэътимоди илмӣ дар ин маврид аҳамияти бузург доранд. Барои ба ҳадаф расидан муаллиф назди худ **вазифаҳои зерин** гузоштааст:

– ба таҳлилу таҳқиқ гирифтани тағйироти дар сужет, системаи образҳо, забон, услуб ва дигар воситаҳои тасвири чопҳои минбаъдаи асар ба амал омада;

– нишон додани он, ки шакли ҳозираи ба хонандагон маълуми «Ёддоштҳо» яку якбора ба вуҷуд наомада, балки маҳсули меҳнати тоқатшикани эҷодии устод С. Айнӣ мебошад;

– тақвият додани сухани устод Айнӣ – “кори наку кардан аз пур кардан аст” дар асоси таҳрирҳои гуногуни матнҳои чопии асар;

– зимни муқоисаи матнҳои асар равшан намудани эътиқоди нависанда ба воқеияти тасвир;

– таъкиди таъсири манфии як қатор саҳву хатоҳое, ки бо дахолати муҳаррирон, нусхабардорон, ҳуруфчинон, мусаҳҳеҳон ҳангоми чопҳои гуногун пайдо шуда, сабаби костагиҳои забонӣ, услубӣ ва мазмуни матни «Ёддоштҳо» гардидаанд;

– саҳм гузоштан дар омода намудани матни куллиётии «Ёддоштҳо».

Сарчашмаи таҳқиқ андешаҳои С. Айнӣ оид ба мушкилоти нақди матн ва мукотиботи устод ба нависандагони тоҷик мебошад. Илова ба ин, дар диссертатсия аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таълифшуда доир ба илми матншиносӣ аз олимони рус ва тоҷик ба ҳадди зарурӣ истифода гардидааст. Диссертатсия дар асоси матнҳои чопии «Ёддоштҳо», ки дар давраи ҳаёт будани устод С. Айнӣ ба

нашр расидаанд, фароҳам омадааст. Ҳамчунин Куллиёти нависанда (ч. 6-7) низ бо мақсади баррасиҳои қиёсӣ мавриди мутолиа ва пажӯҳиш қарор гирифтааст. Мукотиботи устод Айнӣ ба нависандагони тоҷик оид ба нашри «Ёддоштҳо» дар таълифи рисола манбаи муҳим ва боэътимод дониста шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, аз қабили Д.С.Лихачев, В.В. Томашевский, Е.Е. Бертелс, В.С. Бородин, С.И. Тимина, Е. Прохоров, А.Л. Опулская, С. Табаров, Абулҳусайни Зарринкӯб, К. Айнӣ, Х. Отахонова, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, А. Кӯчарзода, А. Насриддин ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ ба принсипҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили адабӣ-структуравӣ такя карда, аз усули омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ истифоданамудааст.

**Навоварии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки диссертатсия нахустин таҳқиқоти матншиносии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Дар он бори аввал ҳамаи матнҳои дар даврai ҳаёти муаллиф ба табъ расидаи «Ёддоштҳо» мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода шудаанд. Масъалаҳои алоқаманд ба ин мавзӯъ: вазъи накди матн дар адабиёти муосир, ҳунари муҳарририи устод Айнӣ, ташаккул ва такомули матни асар аз ҷиҳати шакл ва мазмун мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Дар ин радиф нашри куллиётии «Ёддоштҳо» (ҷилдҳои 6-7 Куллиёти 15-ҷилда) низ мавриди муқоиса ва муҳокима қарор гирифта, зарурати нашри илмии он пешниҳод гардидааст.

Рисола аҳамияти зиёди назарию амалӣ доорад. Арзиши назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки зимни муқоисаи матнҳои чопии «Ёддоштҳо» ҳунари нигорандагӣ ва масъулияти эҷодии нависанда дар овони камолоти умр ва донишу таҷрибаи ӯ ошкор гардида, барои ба вуҷуд овардани матни илмии «Ёддоштҳо», ин асари ҳаҷман бузурги адиб, як андоза имкон фароҳам оварда мешавад.

**Арзиши амалии кори** диссертатсионии Шамшоди Ҷамшед дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқотро дар омӯзишу таҳлили

накди матни адабиёти давраи нави тоҷик, дар таълими фанни матншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст. Масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқи матнҳои чопии «Ёддоштҳо» баррасӣ гардидаанд, метавонанд дар нашри илмии асарҳои дигар адибони муосири тоҷик низ ба назар гирифта шаванд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 12 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст.

Кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи **Шамшоди Ҷамшедро** дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** кори анҷомёфтаи илмва муҳимму зарурие меҳисобад, дар сатҳи лозимии илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология барои дарёфти дараҷаи и. – лмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудааст.

Иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест, қарори №10 аз 13.05.2020.

**Номзади илмҳои филология, дотсент,**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷик**
**ва журналистика** **Холиқова З.К.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Одинаева М.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДК ба номи А. Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
____________ Хушвахтзода Қ.Х.
«____» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **Шамшоди Ҷамшед** дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология дар кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

**Шамшоди Ҷамшед** соли 2015 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси «Муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм карда, дар шуъбаи магистратура таҳсил намудааст. Унвонҷӯ баъди хатми магистратура, соли 2017 таҳсилро дар зинаи докторантура (Ph.D) идома дода, соли 2020 онро хатм намудааст. Ӯ айни замон ба ҳайси муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи ҳамин донишгоҳ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Шамшоди Ҷамшед доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Аламхон Кӯчарзода** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони ДДК ба номи А. Рӯдакӣ аз 27.02.2018, қарори №7 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Омӯзишу таҳқиқи осори бадеӣ аз муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносӣ ба шумор рафта, матншиносӣ ҷузъи муҳимми он маҳсуб ёфта, дар баробари таҳлилу таҳқиқи матни асарҳои бадеӣ дар таҳия ва нашри осори адибон саҳм мегирад. Вазифаи асосии матншиносӣ омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ буда, таърихи матни асари бадеӣ дар алоқамандии қавӣ ба ҷаҳонбинӣ, ақидаи ғоявии нависанда, хусусиятҳои иҷтимоии давру замон омӯхта мешавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия зарурати таъхирнопазирии омӯзиши матн дар адабиёти муосири тоҷик хеле равшан эҳсос мешавад. Бинобар сабаби сурат нагирифтани омӯзиши матншиносӣ чопи илмии асарҳои аксари адибон дуруст ба роҳ монда нашудааст. Таъкид гардидааст, ки таърихи матнҳои қаламӣ ва чопии як силсила осори устод Садриддин Айнӣ, ҳамчун «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус-сибён», «Заруриёти динийя», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр» омӯхта шуда бошанд ҳам, ба таърихи эҷоди охирин ва барҷастатарин асари нависанда «Ёддоштҳо» то ҳол таваҷҷуҳ нашудааст. Бинобар ин, муаллиф таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-ро дар асоси матнҳои чопии он мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки доир ба осори С. Айнӣ чанд таҳқиқоти матншиносӣ анҷом ёфтааст. Раҳим Ҳошим, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Солеҳ Салоҳ, Камол Айнӣ, Азиз Ӯрунов, Аламхон Кӯчарзода, Абдулҳай Маҳмадаминов, Наврӯз Қаландаров дар асару мақолаҳои худашон оид ба таърихи эҷоди асарҳои алоҳидаи устод Айнӣ андешаҳои ҷолиб ва судманд изҳор кардаанд.

Дар ин радиф матншинос Аламхон Кӯчарзода матнҳои гуногуни «Одина», «Дохунда», «Марги судхӯр» ва «Ғуломон»-ро муқоиса карда, нисбат ба кори пурмашаққати эҷодӣ бо тамоми ҳастӣ муносибат кардани устод Айниро бо далелҳои муътамад нишон додааст.

Омӯзишу баррасии «Ёддоштҳо» дар такя ба қонун ва меъёрҳои матншиносии муосир, бешубҳа, идомаи ҳадафмандонаи мактаби айнишиносӣ мебошад. Мутахассисон ва оммаи хонандагон танҳо аз матни охири асар огоҳ буда, муқоисаи матнҳои маҷаллавӣ ва китобии “Ёддоштҳо” ва таъйини таҳриру тағйироти он **аҳаммияти** вижа дошта, **кори муҳимму** саривақтист.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Бидуни омӯзиши ҳамаҷонибаи матни асарҳои нависанда айнишиносон наметавонанд ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гарданд. Гузашта аз ин, омӯзиши ҷиддии таърихи матнҳои асарҳои С. Айнӣ ба доираи айнишиносӣ маҳдуд нашуда, аҳамияти васеътар касб карда, он ҳамчун заминаи назариявӣ ва мактаби амалии матншиносии ҳозираи тоҷик хизмат мекунад. Аз ин рӯ, дастовардҳои боэътимоди илмӣ дар ин маврид аҳамияти бузург доранд. Барои ба ҳадаф расидан ба ҳадафҳои мазкур муаллифи диссертатсия дар кори таҳқиқии анҷомёфта чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– ба таҳлилу таҳқиқ гирифтани тағйироти дар сужет, системаи образҳо, забон, услуб ва дигар воситаҳои тасвири чопҳои минбаъдаи асар ба амал омада;

– тақвият додани сухани устод Айнӣ – “кори наку кардан аз пур кардан аст” дар асоси тахрирҳои гуногуни матнҳои чопии асар;

– зимни муқоисаи матнҳои асар равшан намудани эътиқоди нависанда ба воқеияти тасвир;

– таъҳқиқу таъйини таъсири манфии як қатор ғалатҳое, ки бо дахолати муҳаррирон, нусхабардорон, ҳуруфчинон, мусаҳҳеҳон ҳангоми чопҳои гуногун пайдо шуда, сабаби костагиҳои забонӣ, услубӣ ва мазмуни матни «Ёддоштҳо» гардидаанд;

– саҳм гузоштан дар омода намудани матни куллиётии «Ёддоштҳо».

**Сарчашмаи таҳқиқ** матнҳои чопии «Ёддоштҳо», ки дар давраи ҳаёт будани устод С. Айнӣ ба нашр расидаанд, маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин Куллиёти нависанда (ҷ. 6-7) низ бо мақсади баррасиҳои қиёсӣ мавриди мутолиа ва пажӯҳиш қарор гирифтааст. Мукотиботи устод Айнӣ ба нависандагони тоҷик оид ба нашри «Ёддоштҳо» дар таълифи рисола манбаи муҳим ва боэътимод дониста шуд.

Илова ба ин, дар диссертатсия аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таълифшуда доир ба илми матншиносӣ аз олимони рус ва тоҷик ба ҳадди зарурӣ истифода гардидааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, аз қабили Д.С. Лихачев, В.В. Томашевский, Е.Е. Бертелс, В.С. Бородин, С.И. Тимина, Е. Прохоров, А.Л. Опулская, С. Табаров, А. Зарринкӯб, К. Айнӣ, Х. Отахонова, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, А. Насриддин ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ ба принсипҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили адабӣ-структуравӣ такя карда, аз усули омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ истифоданамудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки диссертатсия нахустин таҳқиқоти матншиносии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Дар он бори аввал ҳамаи матнҳои дар давраи ҳаёти муаллиф интишорёфтаи «Ёддоштҳо» ба таҳлили муқоисавӣ фаро гирифта шудаанд. Масъалаҳои алоқаманд ба ин мавзӯъ: вазъи нақди матн дар адабиёти муосир, ҳунари муҳарририи устод Айнӣ, ташаккул ва такомули матни асар аз ҷиҳати шакл ва мазмун мебошад. Дар ин радиф нашри куллиётии «Ёддоштҳо» (ҷилдҳои 6-7 Куллиёти 15-ҷилда) низ мавриди муқоиса ва муҳокима қарор гирифта, зарурати нашри илмии он пешниҳод гардидааст.

Рисолаи Шамшоди Ҷамшед **аҳаммияти махсуси назарию амалӣ** доорад. **Арзиши назарии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки зимни муқоисаи матнҳои чопии «Ёддоштҳо» ҳунари нигорандагӣ ва масъулияти эҷодии нависанда дар давраи камолоти умр ва касби

донишу таҷрибаи ӯ ошкор гардида, барои ба вуҷуд овардани матни илмии «Ёддоштҳо», имкон фароҳам оварда мешавад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Шамшоди Ҷамшед дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқро дар омӯзишу таҳлили нақди матни адабиёти давраи нави тоҷик, дар таълими фанни матншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурдан мумкин аст. Масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқи матнҳои чопии «Ёддоштҳо» баррасӣ гардидаанд, метавонанд дар нашри илмии асарҳои дигар адибони муосири тоҷик низ ба назар гирифта шаванд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 12 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст:

[1-М]. Ҷамшед, Ш. Назаре ба матнҳои чопии қисми аввали «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Шамшоди Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 235-239.

[2-М]. Ҷамшед, Ш. Аз таърихи матнҳои чопии қисми дуюми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ш. Ҷамшед // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2018. – №1. – С. 226-232.

[3-М]. Ҷамшед, Ш. Такмили сохторӣ ва бандубасти «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ / Ш. Ҷамшед // Ахбори ДДҲБСТ (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2020. – №1(82). – С.44-56.

[4-М]. Ҷамшед, Ш. Тағйироти порчаҳои шеърӣ дар таҳрири «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / Ш. Ҷамшед // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ). – Хуҷанд, 2020. – №2 (63). – С. 124-132.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Шамшоди Ҷамшедро** дар мавзӯи **«Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи лозимии илмию таҳқиқӣ таълиф ёфта, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №3 аз 29.09.2020.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«20» ____20____ соли 2020**